*Кам монд зи асрор, ки мафҳум нашуд*

# ИЛМ ВА ТЕХНИКА

№5 (14), Майи соли 2023

ilmvatekhnika@mail.ru
Индекси обуна: 77790

**Маҷаллаи илмӣ-техникӣ барои наврасон ва ҷавонони Тоҷикистон**





**“ҶАВОНОН, НЕРӮИ ХЕШРО БА РУШДИ ИЛМУ ТЕХНИКА ВА БУНЁДКОРӢ РАВОНА СОЗЕД!”**

*Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон*



# ТОҶИКИСТОН ВА РОССИЯ – ҲАМКОРӢ ДАР КАЙҲОН

*Ҳамкории Россияву Тоҷикистон дар соҳаи астрономия собиқаи зиёд дошта, имрӯз низ ин ҳамкорӣ идома дорад. Олимони Тоҷикистон дар рушди илми кайҳоншиносӣ нақши рӯшан доранд, ки шуруъи фаъолияти спутники аввалини “Замин” далели ин гуфтаҳост. Аз расадхонаи Ҳисор онҳо роҳи мувофиқи парвоз, ҳолати ҷирмҳои осмонӣ, аксу наворҳои спутникҳоро омода намуда, ба марказ дастрас мекарданд. Ҳамчунин, олимони кишвари мо парвози кайҳоннавард-Юрий Гагаринро пайгирӣ менамуданд. Маҳз тавассути чунин рӯйдодҳои муҳими таърихӣ Тоҷикистони мо дар ин соҳа соҳиби обрӯву эҳтироми хоса гардидааст.*

*Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Корпоратсияи давлатии “Роскосмос” ба имзои созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кайҳоншиносӣ, ки дар он даҳ самти фаъолият ба роҳ монда шуда, қадами устувор дар муносибатҳои шариконаи Россияву Тоҷикистон ва рушди илми кайҳон ва технология ба шумор меравад, омодагӣ дорад. Ҳуҷҷати созишномаи ҳамкорӣ масъалаҳои таҳқиқи кайҳон бо ҳадафҳои ҳамраъйӣ, санҷиши фосилавии Замин, омодасозии кадрҳо ва дигар масъалаҳоро дар бар мегирад.*

*Дар Тоҷикистон як қатор объектҳои баландкӯҳӣ мавҷуданд, ки корҳои таҳқиқотии кайҳониро дар доираи ҳамкорӣ бо Россия имконпазир месозанд. Яке аз чунин объектҳо комплекси оптико-электронии “Оина” мебошад, ки дар баландии бештар аз 2,2 метр ҷойгир шуда, таҳти корбарии Қувваҳои ҳавоӣ-кайҳонии Федератсияи Россия қарор дорад. Ҳамчунин, Маркази илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба омӯзиши нурҳои кайҳонии “Памир-Чакалтая” дар баландии 4,5 ҳазор метр дар кӯҳҳои Помир ва се расадхонаҳо-расадхонаи Ҳисор, расадхонаи “Санглох” дар Дангара ва расадхонаи “Помир” фаъолият доранд.*

*Умедворем аз ин ҳамкорӣ кишвари азизи мо боз ҳам ба дастовардҳои тозаву комёбиҳои нав дар соҳаи нуҷум ноил мегардад.*

# Муҳандисони оянда



чизҳои наверо меомӯзам, аммо имрӯз барои хонандаҳое хурсанд шудам, ки аз пайи омӯзишанд.

Дар истироҳатгоҳ Олимпиадаи вилоятии “Техникони наврас” аз рӯйи бахшҳои “Радиоконструкторӣ”, “Авиамоделӣ”, “Мошинаҳои ояндаи коинот”, “Киштии ояндаи обӣ”, “Автоmоделӣ”, “Эҷодкорӣ нисбати манзили истиқоматӣ”, “Ихтироъкорон”, “Роботсозӣ”, “Барномасозӣ” ва “Моделҳои вазнини калонҳаҷм”

Мегӯянд, ки машинаи вақтро ихтироъ кардан номумкин аст, зеро ба гузаштаи худ баргаштан имкон надорад ва ояндаро наметавон пешгӯӣ кард, аммо баъзан ҳолатҳое мешаванд, ки воқеаҳои гузаштаро пешорӯямон дигарбора нишон медиҳанд ва арзиши он хотираҳо боз ҳам азизтар мегарданд. Вақте мо кӯдак будем, модарам ҳамеша таъкид мекарданд, ки ба ҷуз дарсҳои мактаб мо бояд бо ягон кори дигар низ машғул бишавем. Ягон чизеро омӯзем, ки ба рушди минбаъдаи мо замина гузорад. Баъди маслиҳатҳои бисёр бо падарам як рӯз ба қароре омаданд, ки ману додарамро ба муассисае мебаранд, ки дар он ҷо бисёр чизҳоро бароямон меомӯзонанд. Додарамро намедонам, аммо ҳамон шаб хоби ман набурд. - Он ҷо чӣ ҷойе бошад, ки ҳама чиро омӯхтан мумкин аст?...



Вақте ба Истироҳатгоҳи кӯдакон, наврасон ва ҷавонони ба номи “20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ноҳияи Ҷаббор Расулов ворид шудам ва саҳнаи орошудаеро, ки ҳама маҳсули дастранҷи хонандаҳо буд, дидам, хотираи на чандон дури ман дигарбора дар зеҳнам бедор гардид. Ёдам ҳаст, ки он вақт ман барои худам хурсанд шуда будам, ки баргузор гардид. Албатта, наметавонистам ҳамаи он чизҳоеро, ки хонандагон сохта буданд, дар алоҳидагӣ бубинам, аммо ҳар он чизеро, ки медидам ва дидам, бароям хурсандии зиёде мебахшид, зеро онҳо нишон медоданд, ки кӯдакони мо дар фазои кушоди сулҳу озодӣ зиндагӣ мекунанд ва эҷодкорона меомӯзанд.

Дар ҷаласаи кушодашавии олимпиадаи “Техникони наврас” директори Муассисаи таҳсилоти иловагӣ Зикриддин Соҳибназаров иброз дошт, ки баргузории чунин олимпиадаҳо имкон медиҳад, ки тафаккури техникии хонандаҳо бештар рушд ёбад ва онҳо тавонанд заминаҳои аввалинро барои ояндаи худ гузоранд.

Маро бештар хонандаҳое, ки дар бахши “Ихтироъкорон” иштирок карданд, ба худ ҷалб намуд. Ҳар нигорае, ки хонандаҳо аз картону пластика ва лавозимотҳои зарурӣ сохта буданд, нишон медод, ки то чӣ андоза онҳо чуқур андеша меронанд ва мехоҳанд андешаҳои худро дар зиндагӣ татбиқ намоянд. Лаҳзае тасаввур кардам, ки рӯзе шудаву онҳо воқеан ҳам он нигораҳои худро амалан ихтироъ кардаанд ва дар зиндагии ҳаррӯзаи мо истифода мешаванд. “Дунё ба умед”, - гуфтаанд.

Дар бахши “Эҷодкорӣ нисбати манзили истиқоматӣ” хонандаҳо ончунон фаъол буданд, ки фикр кардам, ки ана шаҳрсозони оянда маълум мешаванд, зеро онҳо ҳам намуди зоҳирӣ ва ҳам шароити зистро ба эътибор гирифта буданд.

Олимпиада нишон дод, ки хонандаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар равияҳои гуногун истеъдодҳои худро сайқал медиҳанд. Умед мекунем, ки дар оянда иштироки онҳо бештар мегардад ва мо мебинем, ки ҳам дониши физикии онҳо сайқал ёфтааст ва ҳам маводи пешниҳодшудаашон аз ашёҳои ҳархела сохта шудаанд.



Ману додарам ба маҳфилҳои гуногун аъзо шудем. Ман дӯхтан мехостаму ӯ сохтан. Мо ҳамроҳ ба маҳфилҳо рафта меомадем. Раҳорах вай мегуфт:

-Ман мехоҳам чизеро созам, ки зиндагии одамонро осон кунад ва онҳо вақти зиёд пайдо бикунанд, ки ба тамошо раванд.

-Ё шояд ту барномаеро месозӣ, ки одамонро ба тамошои ҷаҳон барад?- пурсида будам ман.

-Аз рӯзе, ки худамро мешиносам, фақат лӯхтак медӯзӣ, чаро? – ба ҷойи ҷавоб савол дода буд ӯ.

- Мехоҳам, ки одамон хушбахт бошанд.

Вақте чангкашаки сохтаи Абдуҷабборро, ки бо пулт идора мешуд, дидам муколамаи



ману додарам ба ёдам омад. Абдуҷаббор дар ҳамон синну солест, ки додарам орзуи ниҳонии дилашро баён карда буд. Ба назди Абдуҷаббор омадам.

-Чангкашаки ту аз дигар чангкашакҳо фарқ мекунад? - пурсидам аз ӯ.

-Албатта, - бо боварии қатъӣ гуфт вай.

-Бо чияш? – Паст намеомадам ман.

-Чангкашаки ман бо пулт идора карда мешавад.

-Чаро бо пулт?

-Ин кори одамонро осон мекунад.

-Мӯйҳоеро, ки дар гилемҳо мерезанд, онҳоро ҳам тоза мекунад?

-Чаро не? Аввал аз ҳама онҳоро тоза мекунад.

Аз ҷавобҳои ӯ хушҳол шудаму боз пурсидам:

-Чаро маҳз чангкашаки пултдорро сохтӣ?

-Вақте модарам хонаро тоза мекарданд, ба сарам фикре омад, ки чангкашаке созам ва он бо пулт кор бикунад.

Абдуҷаббор Сангинов хонандаи синфи 8 МТМУ 41-и шаҳри Панҷакент мебошад.



чойи заминҳои санглохро ҳам шудгор карда тавонад.

Он тракторе, ки ӯ сохта буд, ба назарам майдаяк намуд. Онро худи Беҳзод идора мекард. Баъд ман пурсидам:

-Ҳамаи ин шпритсҳоро сонӣ кӣ идора мекунад, агар калонашро созӣ?

Ҷойи болоии тракторро нишон дода, ӯ гуфт:

-Ронандае, ки дар он ҷой мешинад, тамоми амали тракторро идора мекунад.

Беҳзод Ғаффоров хонандаи синфи 6 МТМУ № 41 мебошад. Ӯ дар олимпиадаи "Техникони наврас" дипломи дараҷаи 2-ро сазовор гардид.

Абдуҷаббор ва Беҳзод аъзоёни маҳфили "Ихтироъкорӣ"-и МТИ 3 шаҳри Панҷакент, ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ мебошанд. Устоди онҳо Абдуҷалол Сафаралиев тайи ду сол аст, ки ин маҳфилро роҳбарӣ менамояд. Дар маҳфили онҳо 20-нафар шогирдон нозукиҳои техникаро омӯхтан мехоҳанд.

Машғулияти онҳо дар як ҳафта ду маротиба, рӯзҳои сешанбе ва чоршанбе баргузор мегардад.

Тракторе, ки Беҳзод сохта буд, диққати маро ҷалб кард. Фикр кардам, ки ӯ беҳуда онро насохтааст, зеро ҳар чизе, ки хонандаҳо пешниҳод карда буданд, дар ниҳоди худ ким-чӣ орзуи пинҳонеро маҳфуз медошт. Онҳо бо чизҳои сохтаи худ орзуҳои ниҳонияшонро баён мекарданд.

-Трактори ту аз дигар тракторҳо фарқ мекунад?

-Албатта. Он якбора се корро иҷро мекунад. Аввал заминро ҳамвор мекунад, сонӣ онро шудгор намуда, баъд сӯрох карда, чуқуриҳоро барои ниҳол шинонидан тайёр менамояд. Дар ҷойи мо баландиҳое ҳаст, ки на ҳар трактор баромада метавонад, трактори ман мебарояд.

-Офарин. Чунин идея аз куҷо пайдо шуд?

-Пешвои муаззами миллат ҳамеша мегӯянд, ки ҳар як ваҷаби замини ватанамонро самаранок истифода барем. Барои ҳамин мехоҳам, ки трактори ман ҳама



**Матлуба МИРЗОҒАЙБУЛЛО**

# Абулҳасани Насавӣ



*Абулҳасани Насавӣ риёзидони тоҷику форс, ки дар улуми нуҷум, мантиқ, фалсафа ва тиб низ корҳои арзишманд ба анҷом расонидааст. Ӯ соли 1010 дар Гиркания ба дунё омадааст. Вай шогирди Ҳушёри Гелонӣ-олими математик ва нуҷумшинос буд. Фаъолияти илмиаш асосан дар шаҳрҳои Рай ва Исфаҳон дар дарбори султони сулолаи Бувайҳиён Маҷдуддавла ва дар шаҳри Ғазна дар дарбори Маҳмуди Ғазнавӣ ва Ғазнавиён ва баъди пошхӯрии салтанати Ғазнавиён дар Исфаҳон дар замони Салҷуқиён сипарӣ шудааст.*

*Абулҳасани Насавӣ рисолаву китобҳо дар боби фаҳмондадиҳии шакли қитъаҳо, дар маърифати тақвим ва устурлоб, рисолаи мукаммал дар бораи ҳисоби ҳиндӣ ба забони форсӣ таълиф намудааст, ки баъдан ба забони арабӣ тарҷума шудаанд ва нусхаи арабии он алҳол дар китобхонаи Лейден маҳфуз аст. Рисола аз чаҳор боб иборат буда, дар он дар бораи амалҳо бо ададҳои бутун, касрӣ, касрҳои омехта ва ҳисоби шастӣ сухан меравад. Ин олим усули содатарини аз решаҳои квадратӣ ва кубӣ баровардани ададро пешниҳод кард, ки математикони аврупоӣ П.Руффинӣ (1804) ва У.Горнер (1819) онро баъдан такмил доданд. Инчунин, рисолаеро дар боби қоидаҳои илми нуҷум, ки дар Исфаҳон дар замони фаъолияти ӯ ба табъ расидааст, ба номи ӯ нисбат медиҳанд. Абулҳасани Насавӣ ба асарҳои олимони Юнони қадим Менелай, Архимед ва Евклид шарҳ навиштааст.*

*Олими тавоно, Абулҳасани Насавӣ соли 1075 дар Бағдод вафот кардааст.*



**Дилороми ИСО**

# ЗАРУРАТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР НИЗОМИ МАОРИФ



*Ташкили таълими босифати донишҷӯёни донишгоҳҳои Тоҷикистон барои истифодаи ТИК дар фаъолияти ояндаи касбӣ бояд ба равишҳои инноватсионӣ асос ёбад, ки принсипҳои шаффофият, пайдарҳамӣ, дастгирии навоварӣ, такя ба принсипҳои назариявии исботшуда, пешгӯӣ ва тавозунро дарбар гиранд. Сиёсати инноватсионӣ дар соҳаи баррасишаванда бояд бо стандартҳои миллии таҳсилот, ки ба стандартҳо ва тавсияҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунанд, дастгирӣ карда шавад.Корҳои таҷрибавӣ оид ба рушди маҷмӯи дидактикӣ барои омода кардани донишҷӯёни донишгоҳҳо ба истифодаи воситаҳои ТИК нишон дод, ки дастрасии таълими хушсифат барои методикаи таълим дида намешавад. Омили муайянкунандаи муваффақияти фаъолиятҳои таълимӣ, дар қатори номбаршуда, омилҳои объективии ташкил ва идоракунии раванди педагогӣ дар мактабҳои олии Тоҷикистон ва инчунин як қатор омилҳои субъективие мебошанд, ки таҷрибаи донишҷӯён дар огози таҳсил дар донишгоҳ ҷамъоварӣ мекунанд.*

*Омӯзиш ва бозомӯзии минбаъдаи муаллимон, кормандони маъмурӣ ва илмӣ-техникии Тоҷикистон дар соҳаи истифодаи ТИК вобаста мебошад.Таҳия ва татбиқи воситаҳои технологияи иттилоотӣ ва манбаъҳои таълимии электронӣ дар раванди педагогии донишгоҳҳо, ки сатҳи ҳозираи хизматрасониҳои таълимиро таъмин мекунанд.*

*Таҷҳизонидани донишгоҳҳо бо технологияҳои муосири иттилоотӣ, маҳсулоти литсензионӣ ва сертификатшудаи таъминоти барномавӣ, телекоммуникатсия ва дастрасӣ ба Интернет. Ташкили китобхонаҳои ВАО, захираҳои электронии таълими ва ҳамгироии онҳо ба фазои ягонаи таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошад. Маблағҳои таъсисшуда ҳамчун воситаи муассир барои ҷамъоварӣ, озмоиш ва возеҳ кардани технологияҳои муосири таълимӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот ва пеш аз ҳама дар таҳсилоти олии касбӣ хидмат мекунанд. Имрӯзҳо дар соҳаи ТИК тағйироти назаррас ба амал меоянд, доираи истифодаи онҳо дар таълим хеле васеъ гардид. Дар айни замон, аз рӯи технологияи таълим мо як роҳи татбиқ кардани мундариҷаи таълимро, ки бо нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳо муайян шудаанд, дар назар дорем. Таълими ТИК - ин системаи воситаҳо, усулҳо ва шаклҳои таълимие мебошад, ки ноил шудан ба мақсадҳои дидактикии муқарраршударо дар муҳити мушаххаси иттилоотии таълимӣ таъмин мекунад, ки ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад:*

*•техникӣ, яъне таҷҳизоти истифодашуда;*





•*инструменталӣ-технологӣ - нармафзоре, ки технологияи татбиқшудаи таълимро дастгирӣ мекунад;*

•*ташкилию методологӣ - ташкили раванди педагогӣ, тавсияҳои методӣ барои субъектҳои раванди педагогӣ;*

•*доираи мавзӯи омӯзиш.*

*Дар низоми муосири маориф курсҳои автоматикунонидашудаи таълими автоматикӣ, ки бо ёрии компютерҳо таъмин мегарданд ва таъмини ноил шудан ба мақсадҳои таълимӣ васеъ истифода мешаванд. Ба онҳо барномаҳо, маводи методӣ ва таълимӣ (слайдҳо, маълумотҳои чопӣ, аудио-видео маводҳо ва ғайра), ки барои ташкили фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ заруранд, дохил мешаванд.*

*Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои субъектҳои раванди педагогӣ дар донишгоҳ имкониятҳои наву васеъ фароҳам меоранд.ТИК дар раванди педагогӣ ба муаллим имконият фароҳам меорад, ки мақсадҳои дидактикиро бо истифодаи ҳам намудҳои инфиродии кори таълимӣ ва ҳам маҷмӯи онҳо таъмин кунад, яъне муаллим бо ихтиёри худ муҳити мувофиқи таълимро таҳия намояд.*

*ТИК ба донишҷӯён дастрасӣ ба сарчашмаҳои гуногуни иттилоотро таъмин менамояд, самаранокии кори мустақилро баланд мебардорад ва барои рушди эҷодӣ, ба даст овардан ва мустаҳкам кардани салоҳияти касбӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад. Онҳо ба татбиқи шаклҳо ва усулҳои куллан нави фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ мусоидат намуда, онро тавассути истифодаи воситаҳои моделсозии консептуалӣ ва математикии объектҳо, равандҳо ва зуҳурот ба таври назаррас фаъол мекунанд.*

*Ҳамин тариқ, воситаҳои барномавии ба омӯзгор нигаронидашуда ба ӯ имконият медиҳанд, ки дар сурати мавҷуд будани иттилоот ва технологияҳои нав, мӯҳтавои курсҳои автоматикии таълимӣ ва барномаҳои назоратиро тағир диҳад.*

*Аз ин рӯ, омӯзгорони мактабҳои олие, ки ТИК-ро дар фаъолияти худ истифода мебаранд, барои ташаккул ва рушди шахсияти донишҷӯ, ҷустуҷӯ ва ташкили шаклҳои нави ҳамкориҳои таълимӣ, таҳия ва интихоби вариантҳои муносиби барномаи таълимӣ имкониятҳои иловагӣ ба даст меоранд. Илова бар ин, омӯзгор, новобаста аз аҳамияти фанҳои таълимӣ (гуманитарӣ, иқтисодӣ, табиатшиносӣ ва ғайра) таъминкунандаи асосии ҳадафҳои фанни раванди педагогӣ дар донишгоҳи мушаххас мегардад. Ҳамзамон, муаллим имконият дорад аз фаъолиятҳои муқаррарии таълими анъанавӣ ба манфиати шаклҳои зеҳнии меҳнат даст кашад. Масалан, ТИК муаллимро аз зарурати фош кардани қисми зиёди маводи таълимӣ ва аз амалиётҳои муқаррарӣ барои рушди малакаҳо озод мекунад.*

*Ҳамин тавр, моделсозӣ ба шумо имкон медиҳад омӯхтани объектҳо, падидаҳо ва равандҳо дар олами микро ва макро, дар дохили системаҳои мураккаби техникӣ ва биологӣ дохил карда шавад.ТИК инчунин имкон медиҳад, ки раванҳои мухталифи физикӣ, химиявӣ, биологӣ ва иҷтимоӣ, ки воқеан бо суръати баланд ё хеле паст рух медиҳанд, дар миқёси қулай барои омӯзиши онҳо пешкаш карда мешавад.*



***Ҳафиза СОДИҚОВА,***
***Фирӯза АБДУМАННОНОВА,***
***муаллимони калони кафедраи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва барномарезии ДДҲБСТ***



# САЁҲАТ ДАР УРАН

Сайёраи Уран 7-ум сайёраи системаи офтобист, ки аз ҷониби олими англис Уилям Гершел соли 1781 кашф шудааст. Номи сайёра аз мифологияи Юнони қадим сарчашма мегирад. Фредерик Гершел сараввал мутахассиси соҳаи мусиқӣ буд, ки баъдан ба омӯзиши ҷиддии риёзиёту астрономия пардохт. Ӯ чандин таҷҳизотҳои астрономӣ, аз ҷумла 60 телескоп сохтааст. Гершел нахуст андозаи умумии Галактикаро пешбинӣ кардааст. Қабл аз ӯ ҳам олимони дигар Уранро маротибаҳои зиёд дидаву назорат карда буданд, аммо онро ситора мепиндоштанд. Масофаи Уран аз Офтоб ба ҳисоби миёна 2,8 млрд километрро ташкил медиҳад. Давраи гардиши пурраи он дар атрофи Офтоб 84 соли заминиро дар бар мегирад. Фосилаи байни Замин ва Уран аз 2,6 то 3,15 млрд километр аст. Сайёраи Уран ба пуфаки ҳаракаткунанда монанд аст. Барои ҳамин ивазшавии фаслҳои сол дар Уран мисли дигар сайёраҳо нест.





Ҳар як қутби Уран 42 сол дар торикӣ ва 42 сол дар рӯшании офтоб таваққуф мекунад. Танҳо дар хатти борики наздики экватор ивази босуръати рӯзу шаб ҷараён дорад. Уран яке аз сайёраи калон дар сайёраи системаи офтобӣ ба шумор меравад. Вай аз Замин 14,5 маротиба вазнин ва ба андозаи вай 4 баробар вазн дорад. Радиуси Уран аз радиуси Нептон каме бештар, аммо вазнаш камтар аст. Ҳарорати пасттарини тропаузаи Уран -224 дараҷа аз рӯи ченаки ҳароратсанҷи Селсия қайд шудааст. Атмосфераи Уранро шартан ба тропосфера, стратосфера ва термосфера ҷудо кардаанд. Таркиби атмосфераи Уран аз таркиби қисмҳои дигар сайёраҳо бартарӣ дорад, чун дар атмосфераи он дараҷаи баланди гелий ва гидрогени молекулавӣ дида мешавад. Дар атмосфераи Уран абру бод ва раъду барқ мавҷуд аст. Дар системаи Уран 27 спутникҳо ҳаракат мекунанд, ки калонтарини онҳо Миранда, Ариэл, Умбриэл, Титания ва Оберон аст. Соли 1986 таҷҳизоти кайҳонии НАСА “Вояжер-2” 815 00 км роҳро дар сатҳи он тай кардааст. Таҷҳизот сохтор ва таркиби атмосфераи Уранро омӯхта, мавҷудияти 10 спутники нави дигарро тасдиқ ва вазъияти обу ҳаво ва системаи меҳвари онро мавриди омӯзиш қарор додааст. Инчунин, майдони магнитӣ ва шаклгирии магнитосфера аз ҷумла “думи магнитӣ”-ро таҳқиқ намудааст. Дар натиҷа, мавҷудияти ду ҳалқаи нав тасдиқ ва 5 спутникҳои калонтарин аксбардорӣ шудаанд. Агентии Хитой дар соли 2030 нақшаи парвози “Тянвен-4”ро матраҳ сохтааст, ки таҳқиқи Уранро низ дар бар мегирад.



***Фарзонаи ЗАРАФШОНӢ***

# ҚАТОРКӮҲ ВА ПИРЯХҲОИ БАДАХШОН

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баландтарин қаторкӯҳҳо ва бузургтарин пиряхҳои мамлакат ҷо гирифтаанд. Аксари тадқиқотчиён он минтақаеро, ки аз Шимол бо қаторкӯҳи Паси Олой, аз Шарқ бо қаторкӯҳи Сариқӯл, аз Ҷануб бо кӯли Зоркӯл, дарёи Помир ва болооби дарёи Панҷ, аз Ғарб бо қисми меридиании водии Панҷ иҳота шудааст, Помир меноманд; ба Помир инчунин, дар Шимолу Ғарб қисмҳои шарқии қаторкӯҳҳои Пётри Якум ва Дарвозро нисбат медиҳанд. Баъзе тадқиқотчиён (Марко Поло, Д. Л. Иванов, Д. В. Наливкин, К. В. Станюкович, Э. М. Мурзаев) танҳо қисми шарқии минтақаи номбурдаро Помир мешуморанд. Аз рӯи гуфтаи олимони дигар (Н. А. Гвоздетский, Р. Д. Забиров ва дигарон) канори шарқии Помир дар ҳудуди Хитой ва гарбиаш дар Афгонистон воқеъ гаштаанд.

Масоҳати яхбандиҳои ҳозираи Бадахшон—7500 км2. Марказҳои калонтарини яхбандӣ — қаторкӯҳҳои Академияи Фанҳо, Паси Олой, Рушон ва Аличури Шимолӣ, Язгулом, Пётри Якум, Дарвоз, Зулумарт. Хатти барф дар қисми шимолу гарбӣ аз баландии 4000—4400 м, дар қисмҳои марказӣ ва шарқӣ аз баландии 5000—5500 м мегузарад. Дар Бадахшон ҳамагӣ қариб 3000 пирях ҳаст. Аксари пиряхҳои Помири Шимоли Ғарбӣ дар водиҳо ҷойгир шудаанд. Калонтарини онҳо — Федченко (тӯлаш 71 км), Грумм-Гржимайло (36,7 км), Гармо (27,5 км), Сугрон (24 км), Ҷамъияти географӣ (21,5 км), Фортамбек (20 км) ва гайра мебошанд. Пиряхи Савуқдараи Калон (25 км)_аз ҷумлаи калонтарин пиряхҳои қаторкӯҳи Паси Олой ба шумор меравад. Баъзе пиряхҳо (Хирсон дар саргаҳи дарёи Ванҷ, Ленин дар қаторкӯҳи Паси Олой ва гайра) ҳар сари чанд вақт бо суръати дар як шабонарӯз то 100 метр ба якчанд км рӯ ба поён, ба сӯи водиҳо ҳаракат мекунанд.

Аксари пиряхҳои начандон калони Помирии дарёҳои Бадахшон асосан ба ҳавзаи дарёи Аму мансубанд. Дарёи калонтаринаш—Панҷ. (Шохобҳои рости он — Ғунд якҷоя бо Шахдара), Бартанг (болообаш Оқсу ва миёнобаш Мургоб ном доранд), Язгулом, Ванҷ, дарёҳои Қароҷилга, Музкӯл ва гайра ба ҳавзаи дохилии Помир ва дарёи Маркансу ба ҳавзаи Тарим тааллуқ доранд. Манбаи дарёҳо — пиряху барф. Давраи нуробии онҳо — тобистон. Қарокӯл калонтарин кӯли шӯрбастаест, ки дар пастхамии тектоникӣ воқеъ гаштааст. Кӯлҳои нисбатан хурд: Зоркӯл, Яшилкӯл ва Сарез дар натиҷаи бо кӯҳпораҳо банд шудани водии дарёҳо ба вуҷуд омадаанд. Помири Ғарбӣ назар ба Помири Шарқӣ гармтар ва каме серборишттар буда, растаниҳо дар он ҷо хубтар нашъунамо меёбанд. Таърихи тадқиқот: Доир ба табиати Помир ҳанӯз дар асри 13 сайёҳи италиёӣ Марко Поло (1254—1324) маълумоти нахустин додааст.





Моҳрӯ МАМАДҶОНОВА,
омӯзгори МТМУ №15, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров

# КИМИЁ ВА ЗАКАРИЁ



Падари Закариё гуфт, ки ин бегоҳ ӯ бачаҳоро ба сайругашт мебарорад. Вай тасмим гирифта буд, ки вақти худро ҳарчи бештар бо Закариё гузаронад, зеро ӯ дигар кӯдаки хурдсол нест ва мехоҳад зиёдтар донад. Саволҳои бисёру бе сару нӯги Закариё ӯро хаста ҳам мекарданд, аммо мард кӯшиш мекард, ки то тавонистан ба онҳо ҷавоб ёбад. Дунёи Закариё тамоман аз дунёи падараш фарқ мекард. Дар синну соли писараш орзуи ягонаи ӯ соҳиби велосипед шудан буд, аммо Закариё имрӯз “муаммоҳои байналхалқӣ”-ро ҳал мекунаду пули ғилдиракдор месозад. Кӣ медонад, ки дар сари ин писар боз чӣ чизҳо сайр мекунанд. Мард зери лаб табассум карду худ ба худ гуфт:

-Албатта, ман мехостам, ки ӯ духтур ё ҳуқуқшинос шавад, аммо оҳанпораҳои ӯро мебинаму ҳеҷ ба тасаввуротам намеғунҷад, ки ӯ духтур ва ё ҳуқуқшинос шуда тавонад.

-Падар, - андешаи ӯро бурид Закариё. – Кимиёро ҳам гӯям?

-Падару модараш иҷозат диҳанд, албатта, - розӣ шуд мард.

Закариё ба Кимиё телефон кард. Кимиё аз падару модараш иҷозат пурсида, ба хонаи Закариё омад. Ҳарду хурсандона ҳамроҳи Зоҳир-падари Закариё ба кӯча баромаданд.

-Ба куҷо рафтан мехоҳӣ, Закариё? – пурсид Зоҳир.

-Падарҷон, як ба мағозаи парандаҳо ҳам равем.

-Майлаш, - розӣ шуд мард. – Фурӯшанда гуфта буд, ки охири ҳафта парандаҳои нав меоранд.

-Ту парандаҳоро ҳам дӯст медорӣ?- ҳайрон шуд Кимиё.

-Дидани онҳо ба ман маъқул. Албатта, ту барин қурбоққачаро дар хона нигоҳ намекунам, - хандид ӯ.

Онҳо ба мағоза даромаданд. Закариё тӯтиеро диду ба наздаш рафт:

-Салом, - гуфт ӯ.

Аммо тӯтӣ хомӯш буд.

Закариё лабашро инҷ карду қаҳр карда баромад. Зоҳирчеҳраи норозиёнаи ӯро диду пурсид:

-Чаро қаҳр кардӣ?-

Онҳо ба тӯтӣ салом доданро ёд надодаанд.Тӯтӣ дафъаи гузашта салом дода буд-ку, - хотиррасон кард падар.

-Чунки дафъаи гузашта ман ба ӯ салом доданро ёд дода будам.

Зоҳир зери лаб табассум карду чизе нагуфт ва беихтиёр сари писарашро сила карда монд.

Зоҳир бо бачаҳо сайру гашт кард. Онҳо яхмос ҳам хӯрданд.

-Падарҷон, аҷиб-а? Яхмос ҳам ҳарранга мешавад. Лекин маззааш ҳам тағйир меёбад.

-Ҳа, писарам, мазза аз мазза фарқ мекунад, вобаста ба рангаш ва ё намудаш. Агар ранги яхмос ҷигарӣ бошад, он маззаи шоколадро дорад, агар гулобӣ – маззаи малина ва ё тути заминӣ, агар зард бошад, маззаи бананро эҳсос мекунӣ.

-Агар сабз бошад, маззаи кивӣ, ҳамин хел-а, амакҷон, - ба гап ҳамроҳ шуд Кимиё.

- Ҳа, - сухани ӯро тасдиқ кард Зоҳир.

Баъд аз хӯрдани яхмос онҳо ба мағоза даромаданд. Зоҳир аз он ҷо чанд дона пуфак харид. Закариё ҳайрон шуд, зеро падараш бори аввал бе хоҳиши ӯ ин корро кард.









-Падарҷон, чаро пуфак харидед?

-Дар хона таҷриба мегузаронем.

-Чӣ хел таҷриба, падарҷон?

-Ба хона равем, мебинӣ!

-То он вақт тоқат карданро гӯед...

-Ба одам сабр ҳам даркор, Закариё. Ин қадар бетоқат нашав.

Закариё лабашро бурма карду чизе нагуфт. Онҳо ба хона омаданд. Зоҳир ба Закариё гуфт:

-Писарам, содда, уксус ва қошуқу бакалашка биёр.

Аммо чизе ба хотираш расидагӣ барин илова кард:

-Уксусро набиёр. Худам меорам. Ту онро аслан, ки ба дастат нагир. Ту ҳам Кимиё, баногоҳ торт мепазам гуфта бе иҷозати модарат боз онро нагирӣ?!

-Амакҷон, чаро ҳамаатон як гапро такрор мекунетон? Уксус заҳр не-ку?!

-Маҳмадоноӣ накуну ба гуфтаи калонҳо гӯш андоз. Ба уксус нарас гуфтем-мӣ, нарасетон, тамом!

Закариё чизҳои фармудаи падарашро овард. Уксусро Зоҳир худаш гирифт. Мард оҳиста аз чор ба як қисми зарфи пластикӣ уксус рехт. Баъд як қошуқ соддаро ба даҳони он андохт. Оҳиста-оҳиста даҳони зарфро бо пуфак пӯшонд. То он даме, ки соддаву уксус омехта шаванд, интизор истод.

Кимиё ва Закариё аз ҳаракатҳои Зоҳир чашм намеканданд. Онҳо медиданд, ки пуфак чӣ тавр оҳиста-оҳиста дам мешуд. Чанде пас пуфак тӯб барин калон шуд. Бачаҳо, ки калон шудани пуфакро тамошо мекарданд, якбора аз овози баланд як қад париданд. Пуфак чӣ хеле ки ногаҳонӣ калон шуда буд, ҳамин тавр ба таври ногаҳонӣ кафид.

-Иии, - афсӯс хӯрданд онҳо.

-Падарҷон, чаро пуфак кафид? – Пурсид Закариё.

-Ин таҷриба нишон дод, ки байни соддаву уксус реаксияи химиявӣ гузашт ва аз омезиши онҳо гази ангишт ҳосил шуд. Ҳамчунин, шумоён фаҳмидед, ки моддаҳо бо таъсири якдигар метавонанд ба дигар модда табдил ёфта, иваз шаванд ва бо ҳамдигар ба қавле ҳамкорӣ низ намоянд.

-Лекин, бачаҳо, ин таҷрибаро худатон нагузаронед ва ҳам баъди даҳони бакалашкаро бо пуфак пӯшонидан пуфакро аз он на-



гиред. Фаҳмо?

-Фаҳмо, - бо аломати тасдиқ сар ҷунбонданд онҳо, - аммо афсӯс, ки тез тамом шуд.

-Ҳеҷ гап не, дигарашро мекунем, - тасалло дод онҳоро Зоҳир. – Канӣ, биёед, аз коғаз киштича месозем. Мард суханашро тамом накарда, Кимиё ва Закариё дар як лаҳза киштичаҳо сохтанд.

-Ана, акнун, киштичаҳоро ба об мемонем, - гӯён ӯ дар сатиле об рехт ва киштичаҳоро ба он гузошт. Сонӣ, камтар соддаю уксусро низ ба об андохт. Лаҳзае пас кафк ҳосил шуд.

-Бачаҳо бинетон, ки аз таъсири кафк киштичаҳои шумоён ҳаракат карда истодааст.

-Ура-ааа, - баробар қарсак заданд бачаҳо. Онҳо аз хурсандӣ Зоҳирро оғӯш карданд.

*Матлуба МИРЗОҒАЙБУЛЛО*

# ИМКОНИЯТ БАҲРИ АМАЛИШАВИИ ОРЗУҲО





*Имрӯзҳо хурсандии Неъматзода Нилуфар, хонандаи синфи 11-и МТМУ №34-и ҷамоати деҳоти Хистеварз ва Ғаффорова Маҳфуза, хонандаи синфи 11-и МТМУ №54-и ҳамин деҳа ва дигар ҳамсолони онҳо ҳадду канор надорад. Зеро, аз хурдӣ духтаракони закиву доно ба омӯзиши фанҳои дақиқ шавқу рағбати беандоза доштаву акнун имкони гирифтани дарсҳои иловагӣ аз фанҳои дақиқ ба таври ройгон барои омодашавӣ ба имтиҳонҳои дохилшавӣ ба донишгоҳҳоро тавассути лоиҳаи “Ояндаро бурд намо” ба даст овардаанд. Айни ҳол духтарони хоҳишманди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №34, №35 ва №54 тавассути барномаи ин лоиҳа таълим гирифта истодаанд.*

Бояд қайд намоем, ки ин лоиҳа аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии “Шамс” дар доираи барномаи “Инноватсияҳои иҷтимоӣ дар Осиёи Марказӣ” – и Фонди Авруосиё, ки аз ҷониби USAID маблаггузорӣ мешавад, тарҳрезӣ шудааст. Ҳадафи лоиҳа ҳамкориҳои судманд дар соҳаи маориф бо кишварҳои дигар дар доираи “20 солаи омӯзиши фанҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва риёзӣ”, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон шудааст, дастгирии духтарони ноҳияҳои дурдаст барои омодасозии онҳо ба имтиҳонҳои дохилшавӣ ба донишгоҳҳои олӣ, баланд бардоштани савияи дониши онҳо ва рушди фанҳои дақиқ ва риёзӣ дар ин минтақаҳо ва саҳм гирифтан дар рушди соҳаи маорифи кишвар мебошад. Лоиҳаи "Ояндаро бурд намо!” бо “Барномаи омода намудани духтарони деҳот барои дохил шудан ба донишгоҳҳои олӣ бо таваҷҷуҳ ба техника ва фанҳои дақиқ” дар се минтақаҳои дурдасти вилояти Суғд: ноҳияи Ашт, Деваштич ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба кор шуруъ намудааст. Дар давоми ҳафта аз фанҳои химия, физика, алгебра ва технологияи иттилоотӣ дарсҳои иловагии ройгон, ки ба он омӯзгорони ботаҷриба Раҳимова Манзура, аз фанни химия, Шукуров Азамҷон, аз фанни физика, Раҳматуллоева Матлуба, аз фанни алгебра ва Мунаввара Орипова, аз фанни технологияи иттилоотӣ дарс мегӯянд.





Мувофиқи барномаи лоиҳа ба 150 нафар духтарон тамоми фанҳои зарурӣ, ки барои дохилшавӣ ба донишгоҳҳо муҳиманд, омӯзонида мешаванд. Инчунин, рушду такомули малакаҳои шахсии хонандагон дар мадди назар аст, то ки онҳо дар ҳаёти донишҷӯӣ аз тағйиротҳо, аз ҷумла, кӯч бастан ба шаҳри



дигар, мушкилоти мутобиқшавӣ ба муҳити нав ва пешгирии канорагириву дигар нороҳатиҳои онҳо ба назар гирифта шудааст.

Чунонки иштирокчиёни ин барнома-духтарони деҳот иброз медоранд, омӯзиш дар ин лоиҳа агар аз як тараф ба амалишавии орзуву омоли онҳо мусоидат намояд, аз тарафи дигар ин дастгирии иқтисодӣ ҳам барои онҳо ва ҳам барои волидайнашон ба шумор меравад. Зеро, на ҳамаи духтарони ин минтақаҳо имкони иқтисодии таҳсили иловагиро аз фанҳои дақиқ доранд. Аз самти дигар ин барнома тарғибу ҷалби хонандагон ба фанҳои дақиқ мебошад, ки барои рушди ин соҳа низ мусоидат хоҳад кард. Ин духтарон яке омӯзгори фанни математикаву дигаре пизишк ва сеюмӣ омӯзгори фанни кимиё шудан мехоҳанд, ки имконияту дастгирӣ ва сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва кӯшишу игдоми "Барномаи омода намудани духтарони деҳот барои дохил шудан ба донишгоҳҳои олӣ бо таваҷҷуҳ ба техника ва фанҳои дақиқ" баҳри онҳо имкони беҳтарин хоҳад буд.

Мо ба муҳассилин ва дастандаркорони ин барнома барору комёбиҳо таманно дорем.

Муқаддас ҲОМИДҶОНОВА,
роҳбари ташкилоти
ҷамъиятии "Шамс"

Илм ва техника
Майи соли 2023

# ПОЧТАЛЬОН

ЕҒОР БАКАЕВ



Вам предстоит решить несколько задач о передаче писем. Дело происходит в сельском районе. Деревни соединены дорогами, длины дорог указаны на схемах в километрах. В каждой деревне есть отделение почты, в котором работает один почтальон. С момента, когда почтальон начал работать, и до момента, когда он закончил работу и вернулся домой, должно пройти не более 2 часов. Каждый почтальон ходит со скоростью 1 км в 10 минут.

Почтальоны могут согласовывать свои действия друг с другом, передавать друг другу письма. Но оставлять письма без присмотра нельзя.

В задачах 1-3 нужно передать одно письмо из А в В, другое письмо из Б в В, и третье письмо из В в А.

Вот первая из них, которую мы, для примера, сразу разберём.




**Решение**




Пусть почтальон из А выходит в 12:40, из В - в 12:00, а из В -в 11:40. Почтальоны из В и В встретятся в 12:40 в 6 км от деревни В, при этом оби обменяются письмами: почтальон из В передаст письмо из своей деревни и получает от почтальона из В письмо, которое нужно доставить в деревню А. Затем, В пойдёт домой, а почтальоны из А и Б встретятся в 13:40 в 6 км от деревни А и тоже обменяются письмами. При этом каждый почтальон пройдёт ровно 12 км без остановки, что займёт у него ровно 2 часа.

Попробуйте самостоятельно решить задачи 2 и 3 с такими расположениями деревень:

**Задача 2**




**Задача 3**







**Задача 4**

В этой задаче, в отличие от предыдущих, почтальоны должны передать 6 писем: из каждой деревни в каждую по одному письму.




**Задача 5**

Здесь нужно передать одно письмо из А1 в А2, а другое - из Б1 в Б2. Отделения почты обозначены маленькими домиками, их пять.

На этот раз почтальоны работают не более 100 минут в день.

**Задача 6**

Как вы могли заметить, раз почтальон работает не более 2 часов в день, то он за день проходит не более 12 км. Попробуйте придумать такую схему деревень и такое задание, что почтальоны могут справиться с ним, проходя не более 12 км в день, но при этом немогут справиться, работая более 2 часов в день.

Художник Тогу Рока

# МАСЪАЛАҲОИ МАНТИҚӢ



1. Мадинаи хурдакак 2 сол дорад. Боре ӯ дар мағозаи бачагона буд ва андаке аз телевизори он ҷо филми тасвирӣ тамошо кард. Рӯзи дигар Мадина аз волидонаш хоҳиш кард, ки аз телевизор барояш Симурғро нишон диҳанд. Мадина кадом филми тасвириро тамошо кардан мехост?



2. Фаридуни чаҳорсола бо нигаҳ доштани нафасҳояш рӯяшро дар шакли пуфакча нигоҳ медорад ва бо дастонаш онро ҳамвор мекунад. Ӯ чунин саргармиро дӯст медорад. Аммо беморие ҳаст, ки бо хӯрдани зиёди яхмосу нӯшобаҳои сард рӯю баногӯши бачаҳо чунин шакл мегирад. Номи он бемор̄ӣ чист?



3. Бибӣ барои набераааш- Гулрӯи хурдакак дар бораи таърихи шаҳрҳои кадимтарини тоҷикон нақл кард. Баногаҳ Гулрӯ калимаи “қанд”-ро шунида, гуфт, ки кай онҳо ба он шаҳр меравaнд. Гулрӯ ба кадом шаҳр рафтанӣ буд?.

4. Бибиву набера нақши қаҳрамонони афсонаи “Золушка”-ро бозиданд. Бибӣ нақши Шоҳзода ва набера нақши Золушкаро. Бибӣ-Шоҳзода аз набераааш-Золушка пурсид: –Чаро номи ту Золушка?

Набера бо ҳозирҷавобӣ посух дод: -Барои он ман ин ҷо омадам, ки----------------

Идомаи ҷумларо ёбед.



*МАЗМУН АЗ МАСЪАЛАҲОИ МАҶАЛЛАИ “КВАНТИК”*

*Таҳияи Фирӯза НОЗИРОВА,*
*омӯзгори МТМУ №10, шаҳри Бӯстон*

# МОШИНИ САМТИ РОСТ

Дар яке аз катакҳои тахта мошини полис (полис бо дастачӯб) истодааст. Барои ҳаракат вай дар ду катак аз рӯи нишондоди тирча бояд пеш равад- хоҳ ба якборагӣ, хоҳ ба гардиши пешакӣ ба самти рост. Дар расм Шумо мебинед, ки мошин бо ду ҳаракат ба кучо мерасад.

Дар катаки дигар ҷинояткор истодааст (чипи хурдакаки сиёҳ). Ҳангоми ҳаракат вай ба ҳар кадоме аз 4 катаки дар паҳлӯбуда меравад.

Мошини полис агар дар яке аз 8- катаки дар пешбуда ҳаракат кунад, ҷинояткорро боздошт мекунад.

Аввал ҷинояткор ҳаракат мекунад. Ҳамаи ҳолатҳои аввалии ӯро, ки барои боздошт кардани полис мусоидат мекунад, қайд кунед.

(Аз рӯи масъалаи Руфус Айзекс)





# VIOLIN

*One girl always wanted to learn how to play the violin. She was listening to music, watching concerts and was sitting sadly at the window. Her family was very poor. They couldn't buy a violin for their daughter. But the girl tried not to be sad. She was happy when she heard the sound of a favorite musical instrument. She continued dreaming. Once she was walking on the street when she saw a homeless man, who was playing the violin. She has a few dollars with herself. She was so sorry for this man so she decided to give him her money. — Thank you, kind girl. – said the man. – What can I do for you? Blushed she came home without saying a word. The next morning she found a violin near the front door. There was a note: 'The kindness is always regarded'.*





# ҒИЖЖАК

*Як духтарча ҳамеша мехост, ки ғижжак навохтанро омӯзад. Ӯ мусиқӣ гӯш мекард, консертҳоро тамошо мекард ва дар назди тиреза ғамгин менишаст. Оилаи ӯ хеле камбағал буданд. Онҳо ба духтарашон ғижжак харида натавонистанд. Аммо духтар шиква накард. Вай садои сози дӯстдоштаашро шунида, шод мешуд ва орзу карданро давом медод. Рӯзе духтарча дар кӯча мерафт ва марди бесарпаноҳеро дид, ки ғижжак менавохт. Ӯ бо худ чанд доллар дошт. Ба ҳоли камбағал чунон раҳм кард, ки тамоми пулашро ба он мард дод. — Раҳмат, духтари хуб. — табассум кард ӯ ва гуфт:*

*- Ба шумо чи хизмат карда метавонам? Духтарак сурх шуда, хомӯшона ба хонааш рафт. Пагоҳии рӯзи дигар ӯ дар назди дарвозаашон ғижжак ёфт. Дар назди он чунин навиштаҷот буд: «Некӣ ҳамеша подош дорад».*

# ҚУТТИИ ПУЛҶАМЪКУНАК БА КӮДАКОН МУҲИМАНД

*Дар асри мо, ки моддиёт хеле муҳим аст, ба кӯдак бояд сарфа кардани пулро омӯзонем. Қуттии пулҷамъкунак, ин як чизи зебо ва рамзӣ дар ин бахши тарбия аст.*

*Қуттии пулҷамъкунак барои кӯдак мояи ифтихор ва аҳамияти зиёд аст, зеро ҳоло ӯ мисли калонсолон пули "худро" идора карда метавонад. Гумон меравад, ки ҳузури он дар ӯ малакаҳои интизомӣ ва масъулиятшиносиро тарбия мекунад.*

*Албатта, пеш аз ҳама ба кӯдак ҳамаи нозукиҳои нигоҳдории қуттии пулҷамъкунакро омӯзондан зарур аст. То андозае устувории молиявии ояндаи он ба ин вобаста хоҳад буд. Бояд ба кӯдакон фаҳмонд, ки пул натанҳо барои ҷамъкунӣ, балки барои мақсадҳои конкретӣ нигоҳдорӣ мешавад.*






*Ҳамин тавр, вақте ки шумо бори аввал ба фарзандатон қуттии пулҷамъкунак пешниҳод мекунед, бо ӯ муҳокима кунед, ки барои чӣ пул ҷамъ мекунад.*

*Аз таҷрибаҳо, инчунин гуфтан мумкин аст, ки ба кӯдак то синни 8 сола пешниҳод кардани ду қуттии пулҷамъкунак мувофиқ аст. Яке барои дучарха ё ягон асбоби бозиро харидан, дуюмӣ монанди ҳамён барои хароҷоти ҳаррӯза ё масалан, барои хароҷоти ид ё таътилҳо.*

*Кӯдак барои пасандоз аз куҷо пул пайдо карда метавонад?*

*Аввал, модар ва падар метавонанд мунтазам худашон яктогӣ танга партоянд ва дуюм, ин пулест, ки ба кӯдак дода мешавад ва агар ин рафтор дар оилаи шумо қабул шуда бошад, метавонад пулҳои ҷайбӣ бошад.*

*Хуб, каме дар бораи қуттии пулҷамъкунак бигӯем. Нарх ва андозаи он чандон муҳим нест. Муҳим он аст, ки он бояд ба соҳибаш писанд бошад. Албатта, онро бо "сармояи ибтидоӣ"-и худи кӯдак харидан мумкин аст ва боз метавонед онро тӯҳфа кунед ё худатон ҳамроҳи фарзандатон бисозед. Аксарият худашон месозанд ва кӯдакон онро рангубор медиҳанд.*

*Некӯаҳволии молиявӣ ба мо ва фарзандонамон!*



*Мудосира БОБОЕВА,
мураббияи кӯдакистони "Парасту",
шаҳри Гулистон*

# SUMMER holidays




## Find these items in English






Саге, ки китобхониро дӯст медорад, чӣ ном дорад?
-Интеллидог

-КАДОМ МОДДА ҶОВИДОН АСТ?




**Маҷаллаи**
**«Илм ва Техника»**
№ 5 (14) соли 2023
Маҷаллаи илмӣ-техникӣ барои наврасон ва ҷавонони Тоҷикистон

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 214/ МҶ -97, аз 30 июли соли 2021 ба қайд гирифта шудааст.

Сармуҳаррир:
Шоҳона КАРИМОВА

**Мушовирон:**
Ҳисориев Ҳикмат Ҳисориевич - Президенти Академияи хурди миллии илмҳои Тоҷикистон, Академики АМИТ, доктори илмҳои биологӣ;
Исмоилзода Баҳром – Сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
Набизода Мадина-Сардори раёсати маорифи вилояти Суғд
Каримзода Осим Қосимӣ – Доктори илмҳои таърих, профессор.

Ҳайати таҳририя:
Бобозода Мирҷумъа
Матлуба Ёрмирзоева
Дилором Исозода
Фарзона Зарафшонӣ
Гулandом Бобоева
Соатмуродзода Сорбон
**Навбатдори шумора:**
**Дилором**

Суроғаи ҳуқуқии маҷалла:
735800 ш. Хуҷанд кӯчаи Солеҳ ва Зариф Раҷабовҳо 63/607
Тел: 92 100 71 55
Email: ilmvatekhnika@mail.ru

Андоза 60х84
Қоғази ҷилодор ва ранга
Дар матбааи “Орбита” нашр шудааст.
Теъдод: 2000 нусха

Маҷаллаи “ИЛМ ВА ТЕХНИКА” ба хотиригуногунандешӣ маводҳоеро низ интишор мекунад, ки хилофи ақидаи ҳайати таҳририя бошад. Дастхат ва суратҳо баргардонида намешаванд.

Мавод дар ҳаҷми то 4 саҳифа ба ҳуруфи Times New Roman андозаи 14 пазируфта мешавад.

**Хонандаи азизи маҷаллаи "Илм ва техника"!**

*Инак, ба таътили тобистона расидем. Дар идомаи таътил ба Шумо кашфиётҳои нав ба навро дар ҷодаи илмҳои дӯстдоштаатон орзу менамоем. Мо ҳар навишта, ҳар бозёфт ва ҳар ихтироъкории шуморо ба назар гирифта, дар шумораҳои маҷалла, барои ҳамсолонатон пешкаш хоҳем кард. Бо мо тавассути суроғаҳои электронӣ ва телефонҳои корӣ ҳатман дар тамос бошед! Ба якояки Шумоён истироҳати хубу хотирмон ва бофароғатро таманно мекунем!*




**Индекси мо: 77790,**

**Email:**

**ilmvatekhnika@mail.ru,**

**ilmvatekhnika@gmail.com,**

**Телефон: 921007155**